# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Раёсати Консерваторияи миллии Тоҷикистон Шуморо барои иштирок дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон, донишҷӯён, магистрантон, унвонҷӯён ва докторантҳои фалсафа (PhD) бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «**Истиқлоли давлатӣ ва рушди санъати мусиқии тоҷик: масъалаҳои эҷодӣ, илмӣ ва таълимӣ-пажӯҳишӣ дар мактаби олии мусиқӣ»** баргузор мегардад, даъват менамояд.

**Мақсади конференсия:** Ҳадафи асосии конференсия таҳлил ва баррасии масъалаҳои гуногуни вазъ ва дурнамои омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи мусиқӣ, инчунин мубодилаи таҷрибаҳои илмӣ ва эҷодӣ дар заминаи рушди санъати мусиқии анъанавӣ ва академӣ дар давраи Истиқлол мебошад.

**Конференсия дар бахшҳои зерин баргузор мешавад:**

1. Бахши санъатшиносӣ (мусиқишиносӣ);
2. Бахши мусиқии суннатии тоҷик (Шашмақом, Фалак, мусиқии халқӣ);
3. Бахши фаъолияти эҷодӣ ва иҷрокунандагӣ: мусиқии анъанавӣ, академӣ ва эстрадӣ;
4. Бахши илмҳои ҷомеашиносӣ ва забонҳо.

**Мавзуъҳои меҳварии конференсия**

- Омӯзиши равандҳои рушд ва ташаккули мактаби миллии мусиқии касбӣ дар давраи Истиқлоли давлатӣ;
- Рушди санъати мусиқии тоҷик дар шароити соҳибистиқлолӣ;
- Роҳҳои мукамалгардонии таҳияи маводи илмӣ ва таълимӣ-методӣ (тақриз-мақолаҳо ба маводи чопшуда);
- Таҳлили рушди асарҳои мусиқии анъанавӣ, академӣ ва эстрадӣ дар Тоҷикистон;
- Омӯзиши нақши муассисаҳои таълимӣ (консерватория, донишкада, мактабҳои махсуси мусиқӣ ва коллеҷҳои санъат) дар омодасозии мутахассисони соҳаи санъати касбӣ;
- Арзёбии дастовардҳо ва мушкилоти амалӣ дар соҳаи иҷрокунандагӣ ва композиторӣ;
- Таҳлили ҳамкориҳои эҷодӣ байни устодону донишҷӯён, миёни композиторону сарояндагон ва мелодистон;
- Нақши фестивалҳо, озмунҳо ва чорабиниҳои эҷодӣ дар рушди мусиқӣ;
- Таҳқиқи мусиқии суннатӣ ва миллӣ: Шашмақом, Фалак, мусиқии халқӣ ва мактаби устод-шогирд;
- Омезиши анъанаҳои миллӣ бо услубҳои академӣ ва эстрадӣ;

- Истифодаи ТИК ва рақамикунонӣ дар таҳсил ва фаъолияти иҷрокунандагӣ;
- Навовариҳои иҷрокунандагӣ, ҳамоҳангсозӣ ва аранжировкаи ансамблҳо;
- Ҷустуҷӯи шаклҳои навини эҷод дар омезиши жанрҳо ва усулҳои мусиқӣ;
- Рушди мусиқӣ дар шароити мактаби олии мусиқӣ дар ҳамкорӣ бо пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- Таҳлили назариявӣ ва усулҳои таҳқиқоти мусиқӣ;
- Равияҳои нави таҳлили композитсия, лад ва ритм;
- Таҳқиқ ва муҳокимаи методҳои ҳамгироии анъана ва навоварӣ дар таҳсил ва эҷод;
-

**Талабот ба таҳияи маводи конференсия**

Мақолаҳои илмии пешниҳодшуда бояд хуб таҳрир карда шаванд ва ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- саҳифаи A4, ҳошияҳо аз тарафи рост 3 см, аз тарафи чап 1,5 см, боло ва поён 2 см;
- ҳуруфи шакли **Times New Roman TJ**, **Times New Roman**, андоза 14;
- сатри якум – номи мақола бо ҳарфҳои калон бо баробаркунии матн дар байни саҳифа;
- сатри дуюм – насаб, ном ва номи падари муаллиф, дараҷа ва унвони илмӣ, ҷойи кор (таҳсил);
- сатри сеюм – матни асосӣ, ки дар таҳриргари матнии **Microsoft Word** ҳуруфчинӣ мешавад, фосилаи байни сатрҳо 1,5 см;
- ҳаҷми матни мақола бо формула, расм, ҷадвал, нотаҳо, рӯйхати адабиёт, аннотатсия ва калидвожаҳо 6 саҳифа бошад;
- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда, ба таври [5, с. 41] омада карда мешавад, ки дар он рақами аввал рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт ва рақами дуюм саҳифаи он мебошад;
- рӯйхати адабиёт дар охири матн баъд аз калимаи **«АДАБИЁТ»** оварда шуда, бо тартиби алифбо омада карда мешавад;
- баъди рӯйхати адабиёт бояд номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шаванд;
- дар охир маълумот дар бораи муаллиф – насаб, ном ва номи падар пурра, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, вазифа (таҳсил) ва рақами телефон ва почтаи электронӣ бо баробаркунии матн бо паҳнои саҳифа (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шаванд).

Мавзуи баррасишавандаи мақола бояд дар ягон конференсияи дигар ироа нашуда бошад.

**Забони кори конференсия:** тоҷикӣ ва русӣ.

**Муҳлати пешниҳоди мақолаҳои илмӣ:** Мақолаҳои илмии конференсия то **10-уми апрели соли 2026** тавассути почтаи электронӣ **sharifzodal@mail.ru** ва дар суроғаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода 155, бинои таълимии Консерваторияи миллӣ, ошёнаи 3, утоқи №53 қабул карда мешаванд.

Телефонҳо барои тамос:(+992 37) 227-40-03, 985-86-86-46; 716-93-04-04.

**Макон ва замони баргузории конференсия**

Ҷаласаи ифтитоҳии конференсия **20-уми апрели соли 2026**, соати **10:00** дар толори калони Консерваторияи миллӣ баргузор мегардад.

Конференсия кори худро тибқи барнома дар бахшҳо аз **20-ум то 25-уми апрели соли 2026** идома медиҳад.

Ҷаласаи ҷамъбастии конференсия **25-уми апрели соли 2026**, соати **10:00** дар толори хурди Консерваторияи миллӣ баргузор мегардад.

**Намуна**

**ДОИРАИ ЖАНРИИ ШОҲНОМАХОНӢ ДАР МУСИҚИИ ТОҶИК**

Азизӣ Ф.А. – доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессори
кафедраи таърих ва назари мусиқии Консерваторияи миллии
Тоҷикистон ба номи Т. Сатторов

Матни мақолаи илмӣ

**Рӯйхати адабиёт**

Аннотатсия ва калидвожаҳо бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.

Маълумот дар бораи муаллиф(он) бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.